# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертасияи Тоирзода Суҳроб Тоир дар мавзуи «Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар Тоҷикистони Марказӣ дар зарфи 20 соли охир барои ҷумҳурӣ навъҳои нави иншооти калони муҳандисӣ – 4 нақби нақлиётии дарозиашон аз 2,2 то 5,3 километр дар зери қаторкӯҳҳои Туркистон, Ҳисор, Рангон, Сарсарёк сохта ва ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин, дар Неругоҳи барқи обии Роғун беш аз 70 километр нақб барои таъиноти гуногун сохта шудаанд.

Аз ин лиҳоз муаллиф такмил додани усулҳои мавҷудаи омӯзиши ҷинсҳои кӯҳӣ ва пеш аз ҳама омӯхтани хосиятҳои физикию механикии ҷинсҳо дар шароити хобиши табиии онҳо вазифаи таъхирнопазир ва муҳими соҳаи илм шумоoccidaаст.

Мавзуи интихобнамудаи Тоирзода С.Т. бо назардошти аҳаммияти стратегӣ доштани НБО-и Роғун ва Нақби обёрии Данғара мубрамии калони илмӣ-амалӣ дошта, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар, инчунин ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро касб менамояд.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур оид хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор пажуҳиш гузаронида шуда, натиҷаи таҳқиқот дар шакли хулосаҳои мухассаш пешниҳод гардидааст. Муаллиф мақсади таҳқиқоти диссертатсионии худро вобаста ба мубрамияти мавзуъ муқаррар намуда, дар давраи таҳқиқот ба вазифаҳое, ки баҳри расидан ба он муайян кардааст, дастёб шудааст.

Муҳтавои мавзуъи таҳқиқи диссертатсионии Тоирзода Суҳроб Тоир пурра ба талабот ва самтҳои асосии шиносномаи ихтисоси илмии 6D074401-Сохтмони гидротехникӣ мутобиқат намуда, ба нуктаҳои зерин ҷавобгӯ аст:

Таҳияи самтҳои нави пешгӯии ҳолати шиддатнокӣ-деформатсионии иншооти гидротехникии фишордор ва бефишор (банди 3 шиносномаи ихтисос).

Баланд бардоштани эътимоднокӣ ва устувории қисмҳои сарпӯш, транзитӣ ва охири иншооти гидротехникии гуногуни қубурҳо (банди 7 шиносномаи ихтисос).

Эътимоднокии истифодаи иншооти гидротехникӣ, таҳияи меъёрҳои нави бехатарии онҳо, системаҳои нави мониторинг ва мониторинги иншоот, такмил додани усулҳои ташхиси техникӣ ва мониторинги системаҳо ва объектҳои обӣ (банди 11 шиносномаи ихтисос).

Таҳқиқи хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор нишон медиҳанд, ки масъалаҳои арзиёбии хосиятҳои физикию механикии масивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор дар мисоли НС-1 ва НС-2-и НБО-и Роғун ба таври кофӣ дар кори диссертатсионии докторанти (PhD) таҳқиқ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои таҳияи барномаҳои маҷмуии таҳқиқу арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор ва усули нави пешниҳодшуда, барои муайян кардани суръати ҷараёни об ва тағйирёбии реҷаи гидравликӣ дар нақбҳои баландфишор дар асоси тағйироти майдони гармии атрофи нақбҳои гидротехникӣ, системаи назорати дарбии реҷаи гидравликӣ дар нақбҳои гидротехникӣ ва системаи худкори ченкунӣ барои идоракунии силсилавӣ дар тамоми тӯлнокӣ кор карда баромада шудааст, ки метавонанд баҳри таъмини кори мунтазами нақбҳои гидротехникӣ ва таъмини бехатарии онҳо истифода шаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб ва хулосаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 161 саҳифа (аз ҷумла 141 саҳ. матни асосӣ), 51 расм, 20 ҷадвал, 5 замима, рӯйхати адабиёти истифодашуда 132 номгӯйро дар бар мегирад.

Саҳми шахсии довталаби дарѐфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз интихоби объекти таҳқиқот, муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, коркарди маълумотҳои оморӣ ва натиҷаҳои корҳои саҳроӣ иборат буда, хулосаҳои илмӣ дар якҷоягӣ бо роҳбарони илмӣ таҳия шудаанд. Ҳамзамон якчанд тавсияҳои илман асоснок аз ҷониби муаллиф пешниҳод шуда, дар якҷоягӣ бо роҳбарони илмӣ ба танзим дароварда шудаанд. Нашри натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли мақолаҳо дар ҳаммуаллифӣ ва яккамуаллифӣ анҷом дода шудааст.

Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат, ифодаи якчанд нуктаҳоро мавриди таваҷҷӯҳ мешуморем:

*1. Дар автореферати диссертатсия барои арзёбии равшантари вазифаҳои гузошташуда оид ба усулҳои таҳқиқот муфассалтар маълумот пешниҳод мегардид, таваҷҷӯҳпазир мешуд;*

*2. Дар матни тавзеҳотии диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд;*

*3. Хуб мешуд, агар дар таҳқиқот ҷиҳати татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар шароити воқеии иншооти гидротехникӣ пешниҳодҳои мушаххаси муҳандисӣ низ манзур мегардиданд;*

Дар маҷмӯъ эродҳои номбаршудаи автореферат арзиши илмии онро коҳиш намедиханд. Аз хамин лиҳоз, автореферати кори диссертатсионнии Тоирзода Сухроб Тоир дар мавзуи «Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи накбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) мухтавои мухтасари таҳқиқоти мукаммал ва ба анҷом расидаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида, ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор,
мудири кафедраи геология ва корҳои
маркшейдерии Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Самадова Г. М.

“08” 05 соли 2026

**Суроға:** Суроғаи почтавӣ: 735730, шаҳри Бӯстон, кӯчаи Баротова 6.
Телефон: (+992 3451) 5-02-89, 5-01-75.
Факс: (+992 3451) 5-06-34.
Почтаи электронӣ: gmit_tajikistan@mail.ru.
Сомона: www.gmit.tj

Имзои Самадова Г.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори РК ва КМ ДКМТ Муминова Д.М.

**Суроға:** Суроғаи почтавӣ: 735730, шаҳри Бӯстон, кӯчаи Баротова 6.
Телефон: (+992 3451) 5-02-89, 5-01-75.
Факс: (+992 3451) 5-06-34.
Почтаи электронӣ: gmit_tajikistan@mail.ru.
Сомона: www.gmit.tj

“08” 05 соли 2026